Ҳар гоҳ касе аз шумо вориди масҷид шуд, чунин бигӯяд: Бор илоҳо, дарҳои раҳмати худро барои ман боз кун. Ва чун аз масҷид хориҷ шавад, бигӯяд: Бор илоҳо, аз фазли Ту хоҳонам

Аз Абуҳумайд ё Абуусайд ривоят аст, ки гуфт, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар гоҳ касе аз шумо вориди масҷид шуд, чунин бигӯяд: Бор илоҳо, дарҳои раҳмати худро барои ман боз кун. Ва чун аз масҷид хориҷ шавад, бигӯяд: Бор илоҳо, аз фазли Ту хоҳонам."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) умматашро ба дуое, ки ҳангоми ворид шудан ба масҷид гуфта мешавад, ҳидоят кард: (Бор илоҳо, дарҳои раҳмати худро барои ман боз кун), пас аз Аллоҳ Таъоло талаб мекунад, ки асбоби раҳматашро барои ӯ фароҳам оварад. Ва чун хост аз масҷид берун равад, бигӯяд: (Бор илоҳо, аз фазли Ту металабам), пас аз Аллоҳ Таъоло фазли Ӯ ва эҳсони бештари Ӯ аз ризқи ҳалолро бихоҳад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65092